**Натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020**

Дар соли 2020 вазъи иқтисоди ҷаҳон ва шарикони тиҷоратии Тоҷикистон бо назардошти омилҳои қайдшуда шиддат гирифт, ки ба иқтисодиёти миллии кишварамон бетаъсир намонд.

Бо мақсади кам кардани таъсири хавфҳои эҳтимолии коронавируси COVID-19 дар ҷаҳон ба иқтисодиёти миллӣ дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тадбирҳои саривақтӣ амалӣ гардиданд.

Аз ҷумла нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва кам кардани таъсири хавфҳои эҳтимолии коронавируси COVID-19 дар ҷаҳон ба иқтисодиёти миллӣ аз 19 марти соли 2020 тасдиқ гардида, мавриди амал қарор дорад.

Тибқи супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ҷалби маблағҳо ҷиҳати пешгирӣ ва кам кардани таъсири иқтисодию иҷтимоии пандемияи коронавирус COVID-19 ба кишвар аз институтҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд маблағҳои грантӣ ва қарзҳои имтиёзнок ҷалб гардиданд.

Аз ҷумла аз Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) 189,5 млн. доллар қарзи бефоиз, Фонди Авруосиёгии Стабилизатсионӣ ва Рушд 50 млн. доллар қарз, Бонки Осиёи Рушд 122,5 млн. доллар грант, Бонки Ҷаҳонӣ 11,3 млн. доллар грант, Бонки Исломии Рушд 9,4 млн. доллар ва Ҳукумати Олмон 1 млн. евро дар маҷмӯъ зиёда аз 384,3 млн. доллар ҷалб карда шуданд.

Дар соли 2020 паҳншавии пандемияи коронавирус COVID-19 дар ҷаҳон, пастшавии назарраси нархи нафт ва молҳои содиротии кишвар дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва беқурбшавии асъори миллии шарикони асосии тиҷоратии кишвар, бахусус Россия ба рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ бетаъсир намонд.

Дар баробари ин дар натиҷаи тадбирҳои зиддибӯҳронии қайдгардида зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои саноату кишоварзӣ, афзоиши ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ, аз ҷумла содирот ба мушоҳида расид, ки ин барои таъмини рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат намуд.

Дар натиҷа тибқи маълумоти пешакии оморӣ ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2020 82,5 млрд. сомонӣ ва рушди

воқеии он 4,5 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2019 (7,5 фоиз) 3 банди фоизӣ кам аст.

**Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ дар солҳои 2019-2020**

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2019 ҳисобот | | Соли 2020 пешакӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | млрд. сомонӣ | Суръати афзоиш нисбат ба соли 2018 бофоиз | млрд. сомонӣ | Суръати афзоиш нисбат ба соли 2019 бо фоиз |
| ММД | 77,0 | 107,5 | 82,5 | 104,5 |
| Саноат | 27,6 | 113,2 | 30,8 | 109,7 |
| Кишоварзӣ | 28,4 | 107,1 | 33,6 | 108,8 |
| Маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ | 12,5 | 93,7 | 11,6 | 95,4 |
| Ҳаҷми умумии гардиши савдо | 25,5 | 109,0 | 32,6 | 93,2 |
| Хизматрасониҳои пулакӣ | | 102,9 | 13,1 | 102,9 |
| аз ҷумла: хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ | 13,0 | 102,4 | 10869,5 | 90,1 |
| Гардиши савдои хориҷӣ (млн.долл.ИМА) | 4523,7 | 107,1 | 4557,8 | 100,8 |
| аз ҷумла: содирот | 1174,4 | 109,4 | 1406,9 | 119,8 |
| воридот | 3349,3 | 106,3 | 3150,9 | 94,1 |
| Таваррум | | 8,0 | | 9,4 |

**Сатҳи таваррум.** Тибқи маълумоти пешакии оморӣ дар соли 2020 сатҳи таваррум 9,4 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2019 (8 фоиз) 1,4 банди фоизӣ зиёд мебошад. Таваррум дар натиҷаи таъсири омилҳои вобаста ба паҳншавии бемории сироятии коронавирус, афзоиши нархҳо дар давлатҳои шарикони тиҷоратии кишвар ва беқурбшавии пул асосан аз ҳисоби баландшавии нархи маҳсулоти озуқаворӣ 13 фоиз, молҳои ғайриозуқа 5,8 фоиз ва тарофаҳои хизматрасонии пулакӣ 4 фоиз ташаккул ёфтааст.

**Буҷети давлатӣ.** Тибқи маълумоти пешакии Вазорати молия (ба ҳолати 8 январи соли 2021) дар соли 2020 иҷрои нақшаи қисми умумии даромади буҷети давлатӣ дар сатҳи 100,1 фоиз таъмин гардида, воридоти маблағҳо 24325,1 млн. сомониро ташкил дод,

ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 20,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ нисбат ба ММД 29,5 фоизро ташкил менамояд.

Дар соли 2020 даромадҳои ҷорӣ ба 17250,2 млн. сомонӣ баробар гардид, ки 100 фоизи нақшаи тасдиқшударо ташкил медиҳад.

**Сиёсати пулию қарзӣ.** Дар соли 2020 Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи сиёсати пулию қарзии давлат як қатор корҳоро ба аҷом расонид

Аз ҷумла, ҷиҳати кам намудани таъсири хавфҳои беруна ба низоми бонкӣ ва бо мақсади коҳиш додани таъсири пандемияи коронавирус (COVID-19) ба иқтисодиёти кишвар, инчунин ҷиҳати дастгирии бахшҳои воқеии иқтисоди миллӣ, меъёри бозтамвил дар соли 2020 ба андозаи 2 банди фоизӣ (маротибаи якум санаи 1 май ба андозаи 1 банди фоизӣ ва маротибаи дуюм 3 августи соли ҷорӣ иловатан ба андозаи 1 банди фоизӣ) паст карда шуда, он дар сатҳи 10,75 фоизи солона муқаррар гардид.

Инчунин дар ин давра ҷиҳати иҷрои дастуру супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони соҳаи саноати кишвар баён доштанд, дар заминаи муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» Корхонаи воҳиди давлатии бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» таъсис дода шуд, ки дар оянда барои афзоиши ҳаҷми қарздиҳӣ ва дар ин замина афзун намудани ҳаҷми истеҳсолот мусоидат менамояд. Ба бонки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ аз аввали фаъолият 392,6 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст.

**Саноат ва масъалаҳои он.** Дар соли 2020 дар соҳаи саноат ҷиҳати иҷрои чораҳои зиддибӯҳронии Ҳукумати ҷумҳурӣ, ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ба кор андохтани иқтидорҳои нав, истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва содиротӣ як силсила тадбирҳои дахлдор амалӣ гардиданд.

Дар соли 2020 дар кишвар 142 корхонаи нави саноатӣ бо 2428 ҷойҳои нави корӣ мавриди истифода қарор дода шуданд, ки як зумраи он бо иштироки бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ ёфтанд.

Дар маҷмӯъ тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2020 дар вилояти Суғд 39 корхона, аз ҷумла 11 корхонаи истеҳсоли

маҳсулоти хӯрокворӣ, 12 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ, 8 корхонаи дузандагӣ ва 8 корхонаҳои дигари истеҳсолӣ (864 ҷойи нави корӣ), вилояти Хатлон 37 корхона, аз ҷумла 16 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, 7 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ, 2 корхонаи дузандагӣ ва 12 корхонаҳои дигари истеҳсолӣ (363 ҷойи нави корӣ), шаҳри Душанбе 33 корхона, аз ҷумла 10 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, 9 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ, 5 корхонаи дузандагӣ ва 9 корхонаҳои дигари истеҳсолӣ (868 ҷойи нави корӣ), ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 20 корхона, аз ҷумла 9 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, 7 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ, 2 корхонаи дузандагӣ ва 2 корхонаҳои дигари истеҳсолӣ (189 ҷойи нави корӣ) ва дар ВМКБ 13 корхона, аз ҷумла 3 корхонаи дузандагӣ, 4 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ, 1 маҳсулоти хӯрокворӣ, 1 корхонаи маҳсулоти чопӣ ва 4 корхонаҳои дигари истеҳсолӣ (144 ҷойи нави корӣ) ба фаъолияти истеҳсолӣ оғоз намуданд.

**Кишоварзӣ ва масъалаҳои он.** Соҳаи кишоварзӣ бахши муҳимтарини иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, аҳолиро ба маҳсулоти ғизоӣ ва соҳаи саноатро ба ашёи хом таъмин менамояд.

Дар соли 2020 ҷиҳати амалӣ гардидани тадбирҳои зиддибӯҳронии Ҳукумати ҷумҳурӣ таъмини амнияти озуқаворӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ба кор андохтани иқтидорҳои нав ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ба содирот нигаронидашуда як силсила тадбирҳои дахлдор амалӣ гардиданд.

Дар доираи сафарҳои кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар бо мақсади рушди соҳа, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин ташкили ҷойҳои нави корӣ як силсила иқтидорҳои нави соҳа ифтитоҳ гардиданд.

Дар натиҷаи корҳои анҷомдодашуда дар соли 2020 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 33607,1 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли 2019 8,8 фоиз зиёд мебошад. Афзоиш дар соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ мутаносибан 8,1 ва 10,7 фоизро ташкил додааст.

**Татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ.** Маҷмӯи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2021 аз 70 адад (29 лоиҳаи грантӣ, 6

лоиҳаи қарзӣ ва 35 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарз ва грант) иборат мебошад, ки маблағи умумии он 39,9 млрд сомонӣ (3,53 млрд доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад.

Дар таркиби маҷмӯи лоиҳаҳои амалкунанда маблағҳои қарзӣ 20,0 млрд. сомонӣ (1,77 млрд. доллар) ё 50,2 фоиз, маблағҳои грантӣ 18,1 млрд. сомонӣ (1,6 млрд. доллар) ё 45,1 фоиз, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,45 млрд. сомонӣ (128,5 млн. доллар) ё 3,6 фоиз ва дигар сарчашмаҳо, аз ҷумла саҳми корхонаҳои давлатии ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоаҳо (бенефитсиарҳо) ва ғайра 410,2 млн сомонӣ (36,3 млн доллар) ё 1,0 фоизро ташкил медиҳад.

**Маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ.** Ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар соли 2020, 11616,9 млн сомониро ташкил намуд, ки ин нисбат ба соли гузашта 4,6 фоиз кам мебошад.

Аз ҳаҷми маблағҳои асосии дар ин давра азхудшуда 5686,9 млн. сомонӣ (49 фоиз) маблағҳои буҷети давлатӣ, 2789,6 млн сомонӣ (24,0 фоиз) сармояи хориҷӣ, 1496,7 млн. сомонӣ (12,9 фоиз) аз ҳисоби маблағҳои бахши хусусӣ ва 1643,7 млн. сомонӣ (14,1 фоиз)-ро дигар сарчашмаҳо ташкил медиҳад.

**Сармоягузории хориҷӣ.** Дар моҳҳои январ-сентябри соли 2020 ба ҷумҳурӣ 280,8 млн. доллар сармояи хориҷӣ ворид шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 133,9 млн. доллар ё 32,3 фоиз коҳиш ёфтааст.

Аз ҳаҷми умумии сармояи хориҷӣ 109,1 млн. долларро воридоти сармояи мустақим, 0,4 млн. доллар сармояи ҷомадонӣ ва 171,3 млн. долларро дигар сармояҳо ташкил медиҳад.

Дар 9 моҳи соли 2020-ум нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 воридоти сармояҳои мустақим ба маблағи 127,2 млн. доллар ё 53,8 фоиз ва дигар сармояҳо 7 млн. доллар ё 3,9 фоиз коҳиш ёфта, танҳо воридоти сармояи ҷомадонӣ 0,3 млн. доллар ё 4 баробар зиёд шуд.

Ғайр аз он дар 9 моҳи соли 2020 ба ҷумҳурӣ 100,2 млн. доллар маблағҳои грантӣ (бе назардошти ҳиссаи ХҶТ) ворид гардид, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 27,9 млн. доллар ё 21,8 фоиз кам аст.

**Сайёҳӣ.** Ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, такмили инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва пешбинӣ намудани дастгирии давлатӣ дар шакли имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ корҳои назаррас ба анҷом расонида шуд.

Воридоти таҷҳизот ва масолеҳи сохтмонӣ барои иншооти сайёҳӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва истеҳсолоти хонагӣ ба маротиб зиёд шуда, таъсири он ба иқтисодиёти кишвар назаррас гардида истодааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» дар таҳрири нав қабул гардид.

Дар соли 2020 410,1 ҳазор нафар шаҳрвандони хориҷӣ ба кишвар бо мақсадҳои гуногун ворид шудаанд. Ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 69 фоиз кам мебошад.

Бо мақсади сайёҳӣ дар соли 2020-ум 350,6 ҳазор ба ҳайси сайёҳ ба кишвар ташриф овардaнд, ки нисбат ба соли 2019-ум 72,2 фоиз кам аст.

Аз давлатҳои ИДМ 332,1 ҳазор нафар ва хориҷи дур 18,5 ҳазор нафар ҳамчун сайёҳ ба кишвар ворид шуданд.

Дар Тоҷикистон дар маҷмӯъ 223 ширкати сайёҳӣ фаъолият менамоянд, аз он дар ВМКБ 44 адад, шаҳри Душанбе 108 адад, вилояти Хатлон 19 адад, вилояти Суғд 40 адад ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 12 адад рост меояд.

**Нақлиёт ва масъалаҳои он.** Бо мақсади иҷрои супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2020 дар самти татбиқи лоиҳаҳои «Таҷдиду сохтмони роҳҳои автомобилгарди Душанбе-Бохтар марҳилаи 1 ва 2», «Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаихумб, қитъаҳои Кӯлоб - Ш.Шоҳин ва Шкев-Қалъаихумб», «Сохтмони долонҳои зиддитармавӣ дар роҳи автомобилгарди Душанбе-Чанок» ва «Мустаҳкам намудани инфрасохтори муҳим ҷиҳати таъмини устуворӣ зидди хатарҳои табиӣ» корҳо тақвият ва идома дода шуданд.

Дар ин росто рӯзи 10 июли соли 2020 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе эстакадаро ифтитоҳ карданд. Эстакадаи мазкур дар доираи амалишавии лоиҳаи «Беҳтар намудани ҳолати роҳи минтақавии Душанбе - Турсунзода, қитъаи роҳ аз бурриши хиёбони Сино бо хиёбони Исмоили Сомонӣ то дарвозаи ғарбии шаҳри Душанбе» бунёд гардидааст.

Дар доираи лоиҳа корҳои азнавсозии роҳ бо назардошти сохтмони чорроҳаи сесатҳа, сохтмони роҳ бо пул дар ду сатҳ аз ду тарафи хиёбони Нусратулло Махсум бо хиёбони Сино иҷро гардид. Ҳамчунин натиҷаи татбиқи лоиҳа навсозии низоми

муҳандисии зеризаминӣ, аз ҷумла оби нӯшокӣ, гармидиҳӣ, хатҳои алоқа, газ, равшанидиҳии замонавӣ, хатсайри троллейбус, сабзазоркунии гулгашту роҳравҳо ва як қатор тадбирҳои дигар амалӣ карда шудаанд.

Дар соли 2020 аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 65,9 млн. сомонӣ ва аз буҷети мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо 10,1 млн. сомонӣ корҳои таъмиру нигоҳдории роҳҳо иҷро гардидаанд, ки нисбат ба соли 2019 маблағгузорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ 96,1 фоиз ва буҷетҳои маҳаллӣ 100,6 фоизро ташкил дод. Ғайр аз ин, ширкатҳою соҳибкорони ватанӣ ва аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳо ба маблағи 135,1 млн. сомонӣ корҳои таъмиру барқарорсозии роҳҳои автомобилгард ва иншооти он иҷро намуданд, ки нисбат ба соли 2019-ум 88,5 фоизро ташкил дод.

**Гардиши савдои хориҷӣ.** Мувофиқи маълумоти оморӣ гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2020-ум 4557,8 млн. долларро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2019-ум 0,8 фоиз ё 34,1 млн. доллар афзоиш ёфтааст. Дар ин давра гардиши савдои хориҷӣ бо кишварҳои аъзои ИДМ ба 2357,9 млн. доллар баробар гардид, ки ин нишондиҳанда 51,7 фоизи гардиши савдои хориҷии ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 кишварҳои Россия (21,4 фоиз), Қазоқистон (20 фоиз), Швейтсария (15,3 фоиз), Хитой (10,4 фоиз), Ӯзбекистон (7,3 фоиз), Туркия (7,1 фоиз), Германия (2 фоиз), Афғонистон (1,6 фоиз), Эрон (1,3 фоиз), Ҷопон (1,1 фоиз), Корея (1,2 фоиз), Италия (0,8 фоиз) ба ҳисоб мераванд.

Ҳиссаи содирот дар ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ аз 26 фоизи соли 2015 то 31 фоиз дар соли 2020 афзоиш ва ҳиссаи воридот аз 74 фоизи соли 2015 то 69 фоиз дар соли 2020 коҳиш ёфт.

Дар ин давра содироти мол 1406,9 млн. долларро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2019-ум 19,8 фоиз ё 232,5 млн. доллар афзоиш ёфтааст.

Бо назардошти таъсири омилҳои беруна ва дар заминаи он кам шудани талабот дар бозори истеъмолӣ воридоти мол ба 3150,9 млн. доллар баробар гардида, дар қиёс ба соли гузашта 198,4 млн. доллар ё 5,9 фоиз коҳиш ёфтааст.

Дар соли 2020 истеҳсоли маҳсулоти ниёзи аввал ба таври мунтазам рушд ёфта истодааст, ки ҷавобгӯ ба ҳадафи Ҳукумати кишвар дар самти истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда

мебошад. Тибқи ҳисобҳои пешакӣ маҳсулоти воридотивазкунии асосӣ дар ҳаҷми тақрибан 9,5 млрд. сомонӣ истеҳсол шудааст.

Вазни хоси содиротии кишвар асосан аз ҳисоби фурӯши металлҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо 49 фоиз, нахи пахта 12,4 фоиз, маъдану консентратҳо 11,2 фоиз, алюминийи аввалия 10 фоиз, семент 4,3 фоиз, қувваи барқ 4 фоиз, дигар металлҳои нимқиматбаҳо (сурма) 2,3 фоиз, меваю сабзавот 1,3 фоиз, либос ва қисмҳои он 1,2 фоиз ташаккул ёфтааст.

**Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.** Тибқи маълумоти омори тандурустӣ ба ҳолати 1 январи соли 2021 шумораи умумии табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ дар ҷумҳурӣ мутаносибан 19268 ва 55584 нафарро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаҳои таъминотнокӣ бо табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ ба 10000 аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мутаносибан 20,7 ва 59,7 мебошад. Айни замон дар ҷумҳурӣ 4027,5 воҳиди кории холии табибон ва 2234,5 воҳиди кории холии кормандони миёнаи тиббӣ мавҷуд мебошад.

Инчунин шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2020 9,3 млн. нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 3,7 млн. ё 40 фоиз кӯдакон ва наврасони синни то 18 сола мебошанд. Аз ин миқдор шумораи кӯдакони синни то 1 сола ба 232 ҳазор ё 6,3 фоиз ва кӯдакони синни то 5 сола ба 1,1 млн. ё 31 фоиз баробар мебошад.

Мувофиқи маълумоти пешакӣ дар соли 2020 нишондиҳандаи фавти кӯдакони синни то 1 сола 13,4 ба 1000 зиндатаваллуд (соли 2019-14,8)-ро ташкил дод. Нишондоди фавти кӯдакони синни то 5 сола бошад, ба 16,5 (соли 2019-18,2) ба 1000 зиндатаваллуд баробар гардид.

Дар соли 2020 ба ҷумҳурӣ ба маблағи умумии 76,1 млн. доллари ИМА маводҳои доруворӣ ва молҳои тиббӣ ворид карда шудааст. Аз ҷумла 24 млн. доллар ба сифати кумаки башардӯстона, 48,8 млн. доллар барои тиҷорат ва 3,2 млн. доллар бо мақсади истифодабарӣ ворид карда шудааст.

Дар самти фаъолият дар ташкили хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба ҳолати 18 декабри соли ҷорӣ дар муассисаҳои будубоши доимии пиронсолон ва маъюбон (калонсолон)-и соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 1160 нафар бошандагон, аз ҷумла 595 нафар мард ва 465 нафар зан ба таъминоти давлатӣ фаро гирифта шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 77 нафар кам мебошад.

Дар буҷети давлатӣ барои соли 2020 барои пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ дар ҳаҷми 86,2 млн. сомонӣ, аз ҷумла барои 40 шаҳру ноҳия 43,5 млн. сомонӣ ва ба 28 шаҳру ноҳияи дигар 42,7 млн. сомонӣ маблағ пешбинӣ гардида, тибқи харҷномаи молиявии тасдиқгардида аз ин маблағ 83,8 млн. сомонӣ пардохти кумакпулӣ ба шаҳрвандон ва оилаҳои камбизоат анҷом дода шудааст.

**Меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ.** Тибқи маълумоти оморӣ дар моҳҳои январ - октябри соли 2020 музди меҳнати миёнаи номиналии кормандони ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ 1362,8 сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,9 фоиз, аз ҷумла дар вилояти Суғд 3,6 фоиз, вилояти Хатлон 3,0 фоиз, НТҶ 4,3 фоиз, ВМКБ 9,4 фоиз ва дар шаҳри Душанбе 0,9 фоиз афзоиш ёфтааст.

Музди кори нисбатан баланд дар соҳаҳои истихроҷи канданиҳои фоиданок 2515,2 сомонӣ, таъминоти нерӯи барқ ва газ 2233,6 сомонӣ, сохтмон 2366,7 сомонӣ ва саноати коркард 1686,8 сомониро ташкил медиҳад.

Аз рӯи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ қарздорӣ аз музди меҳнат ба ҳолати 1 ноябри соли 2020 72,4 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 (50,8 млн сомонӣ) 21,6 млн. зиёд мебошад.

Аз шумораи умумии аҳолии дар иқтисод фаъол 2417,3 ҳазор нафар (97,9 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғул буда, ба 51,0 ҳазор нафар расман мақоми бекор дода шудааст.

**Маориф ва илм.** Дар аввали соли таҳсили 2020-2021 теъдоди муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ ба 678 ва шумораи тарбиягирандагон ба 97164 кӯдак расонида шудааст, ки дар муқоиса бо соли таҳсили 2019-2020 16 муассиса зиёд мебошад.

Дар соли таҳсили 2020-2021 теъдоди марказҳои инкишофи кӯдакон ба 1764 расида, дар онҳо 49332 кӯдак ба тарбия фаро гирифта шудаанд (соли таҳсили 2019-2020 1771 адад бо фарогирии 49721 кӯдак).

Яке аз омилҳои баланд гардидани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои ихтисосманд ба шумор меравад.

Сарфи назар аз корҳои анҷомдода оид ба дастгирӣ ва рушду такомули кӯдакони синну соли томактабӣ дар ин соҳа мушкилот, аз ҷумла сатҳи пасти фарогирии кӯдакони синну соли томактабӣ бо барномаҳои таҳсилоти томактабӣ, мушкилоти дастрасии кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ва кӯдакони деҳот ба

таҳсилоти томактабӣ, маблағгузории нокифоя, нарасидани кадрҳои баландихтисоси педагогӣ (28,1 фоиз дорои таҳсилоти олӣ, 14,8 фоиз дорои таҳсилоти умумӣ) ва норасоии кадрҳои дорои таҳсилоти махсус (методистон, равоншиносон, кормандони мусиқиву тиббӣ) ва ғайраҳо боқӣ мемонад.